**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тодикистон оид ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Комиссияи эксперти дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (6D020106 – фалсафаи иҷтимоӣ), профессор Музаффарӣ М. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (6D020102 – таърихи фалсафа), профессор Самиев Б.Ҷ. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (6D020101 – фалсафаи дин ва диншиносӣ), профессор Назариев Р.З. (аъзо) диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихоновичро дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Мавзуи мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қароргирифта ба яке аз масъалаҳои муҳими фалсафа ва илми муосир, инчунин назария ва амалияи ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Афзоиши нақши соҳаи иттилоотӣ, роҳҳои автоматикунонии он ба бунёди компютерҳо, Интернет ва дар маҷмуъ ба иттилооткунонии тамоми ҷомеа, дар навбати худ ба пайдоиши консепсияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва футурологии «ҷомеаи иттилоотӣ»-и имрӯза оварда расонидааст. Дар ин замина, иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст ва бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили фалсафии равишҳои иттилоотӣ дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа хеле мубрам аст. Камолов Ш.В. дар раванди таҳқиқот сатҳи коркарди мавзуи мазкурро омӯхта, ҷанбаҳои таҳқиқнашудаи онро дарёфт намуда, тамоми қисматҳои кори илмии худро ҷамъбаст намудааст. Диссертант тавонистааст тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқи худро исбот намуда, дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-гуманитарӣ масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок намояд. Бо назардошти андешаҳои баёнгардида комиссияи эксперти ба хулосае омад, ки диссертатсияи Камолов Ш.В.-ро дорои аҳамияти илмию назариявӣ баҳогузорӣ намуда, ба андешаи муаллиф дар мавриди мубрамияти он мувофиқ бошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо ихтисоси 6D020100 – Фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Камолов Ш.В. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Камолов Ш.В. маълумоти ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Камолов Шодмончон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва чаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи ичтимоӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 дар назди Донишгоҳи миллии Точикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:
- Чононов С. – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи чомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Точикистон.
- Сатторзода С.Н. – номзади илмҳои фалсафа, ассистенти кафедраи кори ичтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Точикистон.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Камолов Ш.В. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва чойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон ичозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба микдори 100 нусха бо хуқуқи дастнавис ичозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Музаффари М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Самиев Б.Ч.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Назариев Р.З.

14.03.2023